УДК 338.1
ББК 65.9 (5)2/4

# ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** *- муаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail:* sanam85@mail.ru
***Султонова Шаҳноза Хайруллоевна*** *- муаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail:* sahnoz92@mail.ru

# АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** *- преподаватель кафедры мировой экономики ГОУ " ХГУ имени академика Б.Гафурова". г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail:* sanam85@mail.ru
***Султонова Шахноза Хайруллоаевна*** *- преподаватель кафедры мировой экономики ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова". г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail:* sahnoz92@mail.ru

# ANALYSIS OF THE CURRENT STATE AND TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Askarova Sanavbarkhon Sultonhodzhaevna*** *- Lecturer at the Department of World Economy of the Khugand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail:* sanam85@mail.ru
***Sultonova Shahnoza Hayrulloevna*** *- Lecturer at the Department of World Economy of the Khugand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail:* sahnoz92@mail.ru

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтисодиёти миллӣ, сиёсати саноатӣ, рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, низоми саноатӣ, сармоягузорӣ.*

*Дар мақола асосҳои назариявии рушди системаи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Дар натиҷаи ислоҳоти иктисодӣ дар соҳаҳои саноатӣ мамлакат як қатор ташкилоту корхонаҳо тағйироти калон ба амал омаданд, инчунин таърифҳои муаллифон концепцияи сиёсати саноатӣ.*

***Ключевые слова:*** *национальная экономика, промышленная политика, конкурентоспособность промышленной продукции, промышленная система, инвестиции*

*В статье рассматриваются теоретические основы развития промышленной системы Республики Таджикистан. В результате проведения экономических реформ в отраслях страны, ряд организаций и предприятий претерпели существенные изменения, а также приведены авторские определения концепции промышленной политики.*

***Key words:*** *national economy, industrial policy, competitiveness of industrial products, industrial system, investments*

*The article discusses the theoretical foundations of the development of the industrial system of the Republic of Tajikistan. As a result of economic reforms in the country's sectors, a number of organizations and enterprises have undergone significant changes, as well as the author's definitions of the concept of industrial policy.*

Дар сохтори ҳудудӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҷанубу шарқии Осиёи Миёна ҷойгир шуда, ҳудуди он 142 550 км$^2$ буда, он бо Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон (910 км), Қирғизистон (630 км), Афғонистон (1030 км) ва Ҷумҳурии Мардумии Чин (430 км) ҳамсарҳад мебошад. Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2021 аҳолии он 9818722 нафарро ташкил медиҳад. Барои ба рушди инноватсионии системаи саноатӣ ноил гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки истифода намудани иқтидорҳои саноатии дохилии тамоми кишварро тариқи оқилона ва сарфакорона истифода намудани захираҳои мавҷудбуда шиддат диҳад. Ба ин минвол ва тибқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар соли 2030-ум ҳаҷми саноат дар сохтори ММД-и кишвар бояд то 21 % афзоиш ёбад.[1][1, С.16-20]. Барои ноил гардидан ба чунин ҳадафҳои миллӣ баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои коркард ва истихроҷи саноатӣ, рақобатпазир гардонидани истеҳсолоти ватанӣ бо истифодаи технологияҳои муосир хело муҳим мебошад.

Рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи рушд ёфтани системаи саноати кишвар сахт алоқамандӣ дорад ва он саҳми соҳаҳо дар таъмини баланд гардидани иқтисодиёти инноватсиониро ба таври объективона инъикос менамояд. Дар сохтори истеҳсолоти умумии кишвар, дар соли 2020, дар ҷумҳурӣ саҳми маҳсулоти саноатиро тавсифи 293 намуди маҳсулоти саноатии истеҳсолкардашуда инъикос менамояд, ки асосан ба онҳо истеҳсоли тилло, нуқра, сурб, алюминий, ангишт, металҳои қимматбаҳо, пахта, семент, хишт, асбест, шифер, доруворӣ, масолеҳи гӯштӣ, масолеҳи хамирӣ ва ғ. дохил мешаванд. Дар маҷмӯъ, тибқи маъмуломотҳои расмӣ ҳаҷми истеҳсоли масолеҳи саноатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 то ба 9,7 % афзоиш ёфта аст (расми 1).




*Расми 1. Истеҳсоли умумии маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.*[2]

Корхонаҳои бузурги саноатии кишвар потенциали ииноватсинонӣ ва азнавсозии техникиву технологиии хешро пурқувват намуда, ба шароитҳои бозори рушдкунанда муосидат намуда истода, асоси ташаккулёбии системаи саноати кишварро ташкил дода истодаанд. Бояд тазаккур дод, ки барои баҳогузорӣ намудани потенсиали системаи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, то таҳлили қиёсии минтақавию сохтории соҳаҳои саноат гузаронида шавад ва он метавонад ангезаҳои бартариятдор ва сусти соҳаҳои муҳими иқтисодиётро муайян намояд. Аз ҷумла ҷанбаҳои мавкеъи ҷории соҳаи саноат ва тамоюлҳои рушди онро метавон арзёбӣ кард.

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - № 392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - С.16-20.

[2] Индустриальный Таджикистан: что сделано к 2021 году // Спутник Таджикистан. URL: https://tj.sputniknews.ru/20210309/industrializaciya-tajikistan-2021-sdelano-1032973496.html (санаи муроҷиат ба сомона: 27.10.2021)

Бояд қайд намоем, ки айни замон дар кишвар имкониятҳои таъминоти иттилотии равандҳои баҳогузорӣ намудани системаи саноат ва дар маҷмӯъ тамоми иқтисодиёт, фароҳам оварда шуда аст. Масалан дар «Системаи ҳисобҳои миллӣ» баҳисобгирии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) ба роҳ монда шудаанд, ки ба муҳақиқон имконият медиҳад, то вобаста ба онҳо таҳлилҳои қиёсии рушди иқтисодиёти кишвар ва соҳаҳои саноат амалӣ карда шаванд (ҷадвали 1).

*Ҷадвали 1. – Тағйирёбии сохтори истеҳсолии ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳиссаи МММ дар он*

| | *2010* | *2012* | *2014* | *2016* | *2018* | *2019* | *2020* | *2020 / 2010, %* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **I** | **24707,1** | **36163,1** | **45606,6** | **54790,3** | **71059,2** | **79109,8** | **82543,0** | 3,3 мар. |
| II | 106,5 | 107,5 | 106,7 | 106,93 | 107,6 | 107,4 | 104,5 | - |
| III | 3285,8 | 4579,2 | 5523,7 | 6336,3 | 7870,2 | 8580,1 | 8788,9 | 2,6 мар. |
| IV | 750,4 | 961,5 | 1119,3 | 808,7 | 860,0 | 900,3 | 851,5 | 113,5 |
| **V** | **22308,9** | **32784,7** | **40836,2** | **49921,1** | **61368,4** | **68691,3** | **73870,5** | **3,3 мар.** |
| VI | 90,3 | 90,7 | 89,5 | 91,6 | 89,1 | 88,8 | 89,5 | - |
| **Эзоҳ: I -** ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, млн. сомонӣ; II - Суръати афзоиши ММД бо ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта; III – ММД ба ҳар нафар аҳолӣ, сомонӣ; IV - бо доллари ИМА, **V -** Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ; VI - Ҳиссаи МММ дар ҳаҷми умумии ММД, бо фоиз | | | | | | | | |

***Ҳисоби муаллифон аз рӯи:*** *Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 335.*

Дар солҳои охир суръати нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас вусъат меёбад. Чи хеле, ки аз маълумотҳои ҷадвали 2.1 бармеояд, дар давраи таҳлилӣ ММД-и ҷумҳурӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2010 ба ҳаҷми 3,3 маротиба афзоиш ёфта, ҳамзамон дар он ҳиссаи МММ бо афзоиши 3,3 маротиба ба қайд гирифта шуда аст. Аммо суръати афзоиши он нисбат ба соли гузашта 2,4 % кам шуда, дар соли 2010 андозаи он ба ҳар сари аҳолӣ 3285,8 сомониро ташкил дода, соли 2020 ба 2,6 маротиба афзоиш ёфта аст. Бояд қайд намоем, ки ҳарчанд афзоиши ММД бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА) дар давраи таҳлилӣ афзоиш ёфта, 13,5 % - ро ташкил дода бошад ҳам, аммо суръати афзоиши он дар соли 2020 нисбат ба солҳои 2019 ва 2018 паст гардида аст, ки ин ҳолат дар натиҷаи баланд гардидани қурби асъори хориҷӣ ба вуқӯъ омада аст. Ҳамчунин дар ин самт, дар соли 2010, ҳиссаи МММ дар ҳаҷми умумии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 90,3 %-ро ташкли дода, соли 2020 бошад саҳми он дар ҳаҷми умумии ММД ба 0,8 % кам шуда, 89,5%-ро ташкил дода аст. [2, С.335].

Аммо бояд тазаккур дод, ки ҳиссаи саноат дар ташаккули нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти кишвар, ҳамчун соҳаи калидӣ бояд мавриди таҳқиқоти амиқ қарор гирифта шавад. Зеро ҳамчун соҳаи пешбарандаи иқтисодиёт баромад намуда, қисмати ҷудонашаванда ва таркибии онҳо мебошад (ҷадвали 2).

*Ҷадвали 2 – Ҳиссаи ММС бо фоиз дар ҳаҷми ММД ва МММ- и Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо нархҳои мутобиқи солҳо, млн. сомонӣ)*

| *Нишондиҳандаҳо* | *2010* | *2015* | *2016* | *2018* | *2019* | *2020* | *2020 / 2010, %* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *ММД* | 24707,1 | 50977,8 | 54790,3 | 71059,2 | 79109,8 | 82543 | 3,3 мар. |
| *ММС* | 11344 | 12196 | 15090 | 23894 | 27613 | 30890 | 2,7 мар |
| *Ҳиссаи ММС дар ҳаҷми умумии ММД, %* | 45,91 | 23,92 | 27,54 | 33,63 | 34,90 | 37,42 | 81,5 |
| *МММ* | 22308,9 | 43745,9 | 49921,1 | 61368,4 | 68691,3 | 73870,5 | 3,3 мар. |
| *Ҳиссаи ММС дар ҳаҷми умумии МММ, %* | 50,8 | 27,9 | 30,2 | 38,9 | 40,2 | 41,8 | 82,2 |

***Ҳисоби муаллифон аз рӯи:*** *Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 335, 394-405; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.9;*

Аз маълумотҳои ҷадвали 2 бармеояд, ки саҳми маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ дар кишвар, дар ташаккулёбии нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ назаррас буда, ҳиссаи он дар соли 2020 дар ҳаҷми ММД 37,42 % ва дар ҳаҷми МММ 41,8 % - ро ташкил медиҳад. Аммо тамоюли рушди ин нишондиҳанда ва ҳиссаи он дар соли 2020 нисбат ба соли 2010 дар ҳаҷми ММД 18,5 % ва дар ҳаҷми МММ 17,8 % кам бошад ҳам, аммо аз соли 2015 инҷониб рӯ ба афзоиш дошта, нисбат ба ин давра дар соли 2020 ба 13,9 % зиёд шуда аст. Ин ишора ба он мекунад, ки истеҳсолоти минтақаҳои ҷудогонаи кишвар паст гардида, захираҳои мавҷудбуда ба таври назаррас ва самаранокона истифода нагардидаанд. Ҳамзамон далолат ба он медиҳад, ки механизмҳои иқтисодии мавҷудбудаи ҳавасмандгардонӣ ва дастгирикунандаи рушди соҳаҳои саноати тамоми минтақаҳои кишвар бояд таҷдид карда шаванд ва ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар асоси амалисозии татбиқи навовариҳо дар идоракунӣ, дар маъмурият, дар менеҷмент гузаронида шавад, то ки таносубҳои байни марказ ва минтақаҳо ба таври беҳтарин ба роҳ монда шаванд. Дар ин замина бояд дар назар дошт, ки нақши мустақилияти корхонаҳои бузург ва минатақавӣ дар худи маконҳои фаъолият ва мустақилона ба роҳ мондани фаъолиятҳои дохиливу берунии ташкилотҳо дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ низ муҳим мебошад.

Дар давраи рушди муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ин таъминоти рушди системаи саноатии кишвар мебошад ва аз ин лиҳоз сиёсати саноатӣ дар сиёсати иқтисодии кишвар мақоми асосиро касб намуда аст. Чуноне, ки дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» вобаста ба тадбирҳои рушди иқтисодӣ ва сенарияи индустриалии рушд зикр мегардад «Дар чунин сатҳ... ҳиссаи саноат дар сохтори ММД то охири давраи пешбинишаванда 1,8 маротиба афзоиш меёбад (дар давраи солҳои ... 2021-2025 то 16 фоиз ва солҳои 2026-2030 то 20-20,5 фоиз)... Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ нисбат ба соли 2015 5,1 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 6,4 маротиба, саноати коркард 5,5 маротиба ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об 2,2 маротиба афзоиш меёбад»[1][3, С.19-20].

Дар ин замина соли 2018 «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 16 майи соли 2018) ва як қатор барномаҳои мӯҳлатҳои муайян қабул карда шудаанд.[2] [4, С.9]. Ҳамчунин 6-уми январи соли 2022 тибқи фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармон дар бораи «Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026 тасдиқ гардида аст, ки ба рушди соҳаи саноат такони ҷиддӣ ворид месозад.

Чи хеле, ки қайд намудем яке аз нишондиҳандаи муассир ба рушди иқтисодӣ ин ММС мебошад, ки қисми маҳсулоти ҷамъиятӣ буда, натиҷаи умумии фаъолияти истеҳсолоти саноатии тамоми корхонаҳои саноатӣ дар давраи муайяни вақтро бо ченаки пулӣ ифода мекунад (ҷадвали 3).

*Ҷадвали 3. Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он (бо нархҳои дахлдори солҳо, млн. сомонӣ)*

| *Солҳо* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2020 / 2015, мар.* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 12196 | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 2,5 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - |
| **ВМКБ** | 111,8 | 128,8 | 193,4 | 238,3 | 249,3 | 228,8 | 2,04 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,9 | 0,7 | - |
| **Вилояти Суғд** | 4894,2 | 7078,5 | 10066,4 | 11498,4 | 13053,6 | 15573,2 | 3,1 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 40,1 | 46,9 | 50,3 | 48,1 | 47,3 | 50,4 | - |
| **Вилояти Хатлон** | 4621,2 | 5047,7 | 6753,1 | 7294 | 8661,1 | 8998,3 | 1,9 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 37,9 | 33,5 | 33,7 | 30,5 | 31,4 | 29,1 | - |
| **ш. Душанбе** | 1350,7 | 1461,8 | 1659 | 2664,9 | 2753,4 | 2800,6 | 2,07 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 11,1 | 9,7 | 8,3 | 11,2 | 10,0 | 9,1 | - |

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - №392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - С.19-20.

[2] Ниг. масалан ба: Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04 соли 2011, № 227; Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, № 354; Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.12.2003с., №523); Барномаи рушди саноати сабук дар ҶТ барои солҳои 2006-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 31.10.2005с., № 422); Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии ҶТ барои солҳои 2010-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.10.2009, № 574)

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **НТҶ** | 1218,1 | 1373,2 | 1357,1 | 2198,5 | 2895,6 | 3289,4 | 2,7 |
| Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % | 10,0 | 9,1 | 6,8 | 9,2 | 10,5 | 10,6 | - |

***Ҳисоби муаллифон аз рӯи:*** *Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.9.*

Маълумотҳои ҷадвали 3 шаҳодат аз он медиҳанд, ки тамоюли рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши назаррас дошта, дар маҷмӯъ нишондиҳандаи он дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 ба 2,5 маротиба мерасад. Боиси зикр аст, ки аз ин ҳисса, дар давраи солҳои 2015-2020, дар бурриши минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоюли рушди саноат аз ҳама бештар дар Вилояти Суғд (3,1 маротиба афзоиш) ба қайд гирифта шуда, ҳиссаи НТҶ бошад бо тамоюли рушди 2,7 маротиба мақоми дуюмро касб намуда аст. Тамоюли рушди ММС дар ш. Душанбе ва ВМКБ зиёда аз ду маротиба афзоиш ёфта, Вилояти Хатлон бошад тамоюли афзоиши ба ду маротиба наздик (1,9 маротиба) дорад.

Воқеъияти аслии мавкеъи ҷойгиршавии соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст, ки аз лиҳози географӣ соҳаҳои мазкур нобаробар ҷойгир шудаанд. Аз ҷумла то давраҳои гузарониданиислоҳотҳои навини соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ саноати электроэнергетикӣ бештар дар минтақаҳои НТҶ ва шаҳри Душанбе ҷойгир шуда, қисмати дигари он дар Вилояти Хатлон ва Вилояти Суғд ҳамчунин қисмати камтарини он дар ВМКБ ҷойгир шуда буданд. Баъдан дар давраҳои гузариши иқтисодӣ дар ҷойгиршавии ҳудудии кишвар тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд ва дар натиҷаи ба Вилояти Хатлон шомил гардидани ш. Норак дар ҷойгиргашвии соҳавии саноат тағйирот ба вуқӯъ омад. Бояд қайд намоем, ки дар ҷумҳурӣ то соли 2016 махсусан дар ш. Душанбе аз сабаби мавҷуд набудани гази табиӣ ва маводҳои сӯхт истеҳсоли эелектроэнергия ва гармидиҳӣ аз кор монда буд[1]. [5, С.73].

ПАЙНАВИШТ:


1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - № 392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - С.16-20.
2. Индустриальный Таджикистан: что сделано к 2021 году // Спутник Таджикистан. URL: https://tj.sputniknews.ru/20210309/industrializaciya-tajikistan-2021-sdelano-1032973496.html (санаи муроҷиат ба сомона: 27.10.2021), -С.335.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - №392. - Душанбе: «КОНТРАСТ», 2016. - С.19-20.
4. Ниг. масалан ба: Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04 соли 2011, № 227; Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, № 354; Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.12.2003с., №523); Барномаи рушди саноати сабук дар ҶТ барои солҳои 2006-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 31.10.2005с., № 422); Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии ҶТ барои солҳои 2010-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.10.2009, № 574), - С. 9.
5. Муртазоев, О.К. Совершенствование организационно-экономического механизма развития региональной инновационной промышленной системы (на материалах Центрального региона Республики Таджикистан) / О.К. Муртазоев // Дисс. на соис. уч. степени канд. экон. наук. 08.00.05. – Душанбе, 2018. – С.73.


REFERENCES


1. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 // Government of the Republic of Tajikistan. October 1, 2016. - No. 392. - Dushanbe: "CONTRAST", 2016. - P.16-20.
2. Industrial Tajikistan: what will be done in 2021 // Sputnik Tajikistan. URL: https://tj.sputniknews.ru/20210309/industrializaciya-tajikistan-2021-sdelano-1032973496.html (date of access to the website: 27.10.2021), - P.335.
3. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 // Government of the Republic of Tajikistan. October 1, 2016. - #392. - Dushanbe: "KONTRAST", 2016. - P. 19-20.
4. See for example: Program of innovative development of the Republic of Tajikistan for 2011-2020. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated April 30, 2011, No. 227; Innovative development


[1] Муртазоев, О.К. Совершенствование организационно-экономического механизма развития региональной инновационной промышленной системы (на материалах Центрального региона Республики Таджикистан) / О.К. Муртазоев // Дисс. на соис. уч. степени канд. экон. наук. 08.00.05. – Душанбе, 2018. – С.73.

strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2020 Government of the Republic of Tajikistan Resolution of May 30, 2015, No. 354; The concept of industrial development of the Republic of Tajikistan (Decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated 04.12.2003, No. 523); Program for the development of light industry in the Republic of Tajikistan for the years 2006-2015 (Decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated 31.10.2005, No. 422); The program of implementation of scientific and technical achievements in the industrial production of the Republic of Tajikistan for the years 2010-2015 (Decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated 05.10.2009, No. 574), - P. 9.

5. Murtazoev, O.K. Improvement of the organizational-economic mechanism of the development of the regional innovative industrial system (not materials of the Central Region of the Republic of Tajikistan) / O.K. Murtazoev // Diss. not worthy three. degree of sugar. economy science 08.00.05. - Dushanbe, 2018. - P.73.